**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ________________________

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25.04.2026, протоколи №47 барои сазовор донистани Ҳакимов Абдуламин Маҳмадаминович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

Диссертатсияи Ҳакимов Абдуламин Маҳмадаминович дар мавзуи «Методикаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими омӯзгорони ояндаи фанни информатика» аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2026, таҳти №85/шд) 14- уми феврали соли 2026 суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳакимов Абдуламин Маҳмадаминович 5-уми феврали соли 1986 дар шаҳри Қӯрғонтеппа (айни ҳол Бохтар) таваллуд шудааст. Соли 2009 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси математикаи амалӣ хатм кардааст.

Ҳакимов Абдуламин Маҳмадаминович аз соли 2020 унвонҷӯи кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав буда, айни ҳол дар вазифаи омӯзгори кафедраи системаҳои автоматикунонидашудаи

коркарди ахбор ва шабакаҳои алоқаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Гулова Маърифат Табаровна** – номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи системаҳои автоматикунонидашудаи кокарди ахбор ва шабакаҳои алоқаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муқарризони расмӣ: Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва **Муродова Шаҳло Сангимуродовна** – номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии факултети математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҳакимов А.М. бо имзои раиси ҷаласа номзади илмҳои физикаю математика, и.в. дотсент Хушвахтзода Муҳиддин Бурак, ташхисгар, н.и.тех., дотсенти Саидзода Исроил Маҳмад ва котиби ҷаласа, н.и.п., дотсент Қурбонзода Сулаймон Раҷабек омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин аз 16-уми марти соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Ҳакимов Абдуламин Маҳмадаминович дар мавзуи «Методикаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими

омӯзгорони ояндаи фанни информатика» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 22 интишороти илмӣ нашр намудааст, ки 20 адади он оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 мақола ба нашр расонидааст.

1. Гулова, М.Т., **Ҳакимов, А.М.** Татбиқи технологияҳои информатсионӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун омили баландбардории сифати таҳсилот ва муқаддимаи касби омӯзгорӣ [Матн] / М.Т. Гулова, А.М. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – №7. – Душанбе, 2021. – С. 234-239. – ISSN 2074-1847.

2. **Ҳакимов, А.М.** Мавқеи ТИК дар иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯён [Матн] / А.М. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – № 1/4 (104). – Бохтар, 2022. – С. 97-101. – ISSN 2663-5534.

3. **Ҳакимов, А.М.** Таҳлили ҳолати татбиқи ТИК дар раванди таълими фанни информатика ва методикаи таълими он [Матн] / А.М. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – № 1 / 2 (110). – Бохтар, 2023. – С. 236-242. – ISSN 2663-5534.

4. Гулова, М.Т., **Ҳакимов, А.М.**, Ибрагимов О.К. Таъмини идоракунии аудитория (синф) [Матн] / М.Т. Гулова, А.М. Ҳакимов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2024. – №1/2 (122). – С. 215-221. – ISSN 2663-5534.

5. Гулова, М.Т., **Ҳакимов, А.М.** Тафтиши таҷрибавии шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва

методикаи татбиқи он дар таълими информатика [Матн] / М.Т. Гулова, А.М. Ҳакимов // Паёми ДМТ. – №10. – Душанбе, 2024. – С. 336-345. – ISSN 2074-1847.

6. Ғаюрзода, А.Т., **Ҳакимов, А.М.**, Ғаюров М.Т. Татбиқи методи интерактивӣ дар раванди омӯзиши мавзуи «Шабакаҳои маҳаллии компютерӣ» [Матн] / А.Т. Ғаюрзода, А.М. Ҳакимов, М.Т. Ғаюров // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – №1/3 (125). – Бохтар, 2024. – С. 285-290. – ISSN 2663-5534.

7. Муҳаммадазизи, М.А., **Ҳакимов, А.М**. Методикаи омӯзиши мавзуи «Ифодаҳои мантиқӣ» дар забони барномасозии Python [Матн] / М.А. Муҳаммадазиз, А.М. Ҳакимов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – №1/3 (125). – Бохтар, 2024. – С. 425-430. – ISSN 2663-5534.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Ҳакимов Абдуламин Маҳмадаминович ворид шудаанд:

1. Назаров А.П. – д.и.п, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

2. Эшонқулов А.А. – н.и.ф-м., муаллими калони кафедраи фанҳои табиӣ-риёзии Донишкадаи байналмилалии Левакант. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Наимов У.М. – н.и.п., мудири кафедраи технологияҳои барномасозӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

4. Фурқати С.Қ. – н.и.п., дотсенти кафедраи таъминоти барномавӣ ва Web-дизайни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тақриз мусбат аст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267,

бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

– нишон додани воситаҳои ТИК ҳамчун ҷузъи асосии дарси информатика, ки дар таълими донишҷӯёни низоми таҳсилоти кредитӣ, махсусан дар раванди омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни мазкур мавқеи хосса доранд;

– муайян кардани таъсири ТИК ба мазмуни фанни информатика ва методикаи таълими он;

– коркард намудани системаи методии такмили ихтисоси омӯзгорони информатика;

– нишон додани имконнопазирии таълими донишҷӯёни ихтисоси информатика бе татбиқи воситаҳои шахсии ТИК, ки шароитҳоро баҳри ташаккули дараҷаи касбӣ ва салоҳиятҳои иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика муҳайё мекунад ва пешниҳоди ин шароитҳо;

– пешниҳоди роҳҳои таъмини дастрасӣ ба воситаҳои ТИК-и таълимӣ, ки масъалаи норасоии ин воситаҳоро дар шароити МТОК-и ҷумҳурӣ ҳал менамояд;

– коркарди методҳои нави таълими информатика, ки ба татбиқи ТИК дар таълим асос ёфтаанд, инчунин пешниҳоди омӯзиш ва татбиқи барномаи идоракунии аудитория, ки интерактивиятро дар таълим ташаккул медиҳад;

– пешниҳоди натиҷаҳо аз методҳои самаранокии раванди таълим дар асоси татбиқи ТИК дар таълим.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад: омӯзиши алоқамандии фанни информатика бо технологияҳои иттилоотӣ, мавқеи ТИК дар иттилоотикунонии низоми маълумот, омӯзиши ҷабҳаҳои гуногуни татбиқи ТИК дар раванди таълим ва таъсири он ба мазмуни фанни информатика, инчунин татбиқи ТИК – ҳамчун омили баландбардории сифати таҳсилот ва муқаддимаи касби омӯзгорӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин таъмин гардидаанд: натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст овардашуда, ба дастовардҳои олимони соҳаи информатика ва методикаи таълими он дар саросари ҷаҳон такя мекунад. Аз ин рӯ, дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудааст: нақши ТИК дар баланд бардоштани сифати таълим; таҳлили асосҳои методии ҷараёни таълим дар чаҳорчӯбаи истифода аз ТИК; мутобиқати вазифаҳои гузошташуда бо методҳои таҳқиқот; иштироки диссертант дар иҷрои корҳои таҷрибавӣ; нишон додан ва собит намудани бартарияти методикаи таълими интерактивии ба татбиқи ТИК асосёфта; асосноккунии масъалаи баланд бардоштани салоҳиятҳои касбию иттилоотии омӯзгорони информатика, ки ба истифодаи Интернети доимоамалкунанда алоқаманд аст ва ба инобат гирифтани натиҷаи озмоишҳои педагогӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар ҳаллу фасли масъалаи гузошташуда, таҳқиқоти назариявӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба мафҳумҳои информатика, технологияҳои иттилоотӣ ва ТИК, таҳияи методҳои дарси интерактивии бо татбиқи ТИК асосёфта, доир кардани озмоиши педагогӣ, сохтани аёниятҳо ва татбиқи онҳо дар ҷараёни таълим, таҳияи маводи методӣ-таълимӣ ва барномаи таълимии фаннӣ, озмоиш, таҳлил, хулосаҳо ва ҷамъбаст ифода ёфтааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 25- уми апрели соли 2026 оид ба сазовор донистани Ҳакимов Абдуламин Маҳмадаминович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 16 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Раҳматуллоҳзода Ш.Р.**

"_25_"___04___ 2026

Ҷ.М.